# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сайдалиева Муҳайё Хостихудоевна дар мавзӯи «Таҳлили вижагиҳои забонии нутқи кӯдак”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология пешниҳод шудааст**

Яке аз қисматҳои муҳими илми забоншиносӣ, ки ба ташаккули нутқи кӯдак, қобилияти азхудкунии овоз ва ҳарф, пайдоиш ва инкишофи минбаъдаи забони модарии кӯдак, тағйироти савтӣ вобаста ба синну соли кӯдак бахшида шудааст, онтолингвистика мебошад. Забоншиносии нутқи кӯдакон ё худ онтолингвистика аз илмҳои ҷавон ба шумор рафта, дар чоряки охири асри гузашта дар Руссия рушду такомул ва ташаккул ёфтааст. Дар Ғарб бошад аллакай чун фанни таълимӣ шинохта шудааст ва дар мактабҳои миёнаву олӣ омӯзишу тадрис ёфта, дастуру китобҳои таълимиву методии зиёд доир ба ин илм ба нашр расидааст. Дар маҷмуъ онтолингвистика фаъолияти нутқи кӯдак ва раванди азхудкунии забони модариро бо дарназардошти тамоми нозукиҳои он мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Маҳз ҳамин хусусияти муҳими илми мазкур диққати диссертантро ба худ ҷалб намудааст ва мавриди омӯзиш қарор додани «Таҳлили вижагиҳои забонии нутқи кӯдак” аз ҷониби муҳаққиқ қобили таваҷҷуҳ ва дастгирӣ мебошад.

Диссертатсия тибқи сохтори маъмули шаклгирии диссертатсияҳо аз муқаддима, се боби асосӣ, зербобҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт, ки дар фишурдаи кор оварда шудааст, иборат мебошад.

Боби аввал «Ташаккул ва инкишофи илми онтолингвистика» ном дошта, аз се фасл иборат аст, ки муҳаққиқ таърихи пайдоиши ин илм, ташаккул ва рушди он, муҳаққиқони ин соҳа, корҳои илмии дар ин самт анҷомдодаро мавриди омӯзиш қарор дода, ҳамзамон мавқеи онтолингвистика ҳамчун илм дар забоншиносии Ғарб, Руссия ва забоншиносии тоҷикро ба таври равшану возеъ бо овардани далелҳо муайян намудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки ба “Ташаккул ва инкишофи нутқи кӯдак” бахшида шудааст, муаллиф давраҳои инкишоф, рушд ва тағйирот

дар нутқи кӯдакон, давра ба давра пурра шудан ё худ шаклгирии нутқи кӯдак, омилҳои асосии инкишофи нутқи кӯдак ва дигар масъалаҳои вобаста ба ташаккулёбии забони модарии кӯдаконро таҳлилу натиҷагирӣ намудааст.

Боби сеюми кор ба масъалаи "Таҳлили забонии нутқи кӯдак" бахшида шудааст. Муаллиф дар зербобҳои ин қисмати рисола хусусиятҳои муҳими савтӣ, таркиби луғавии забони кӯдак ва ҳам қобилияту маҳорати азхудкунии ноаёни хусусиятҳои сарфию наҳвии забони модариро ба риштаи таҳқиқ кашида, бо далелҳои эътимоднок онро дар нутқи кӯдак муайян кардааст.

Албатта барои кори тадқиқотии худ муаллиф аз адабиёти зиёди илмӣ-назариявӣ ва сарчашмаҳои муътамад истифода бурдааст, ки барои расидан ба мақсад ва ҳадафҳои дар диссертатсия гузошташуда мусоидат кардаанд.

Кори диссертатсионии Сайдалиева Муҳайё Хостихудоевна дар мавзӯи «Таҳлили вижагиҳои забонии нутқи кӯдак" дар забоншиносии тоҷик падидаи нав аст ва арзиши он ҳам дар ин аст, ки нутқи кӯдак ё худ забони кӯдакро мавриди пажӯҳиш қарор додааст.

Зикр бояд кард, ки дар автореферат ҷо-ҷо ба ғалатҳои грамматикию техникӣ ва услубӣ роҳ дода шудааст. Вале ҳусну қубҳи кори илмиро кам нахоҳад кард ва ислоҳшаванда мебошанд.

Рисола ба талабот ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология сазовор мебошад.

Номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи забонҳои
Муассисаи давлатии таълимии
"Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон" Қурбонмамадов Сомон Хушқадамович

"Имзои муқарриз С.Х. Қурбонмамадов тасдиқ карда мешавад"
Сардори шуъбаи кадрҳои
Муассисаи давлатии таълимии
"Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон" С.П. Асоев